ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИ ГУФТУГӮИИ ТОҶИКОНИ ХУФАРИИ НОҲИЯИ САРИОСИЁ

Шукурова Азиза Хайруллоевна
Донишгоҳи давлатии Самарқанд

АННОТАТСИЯ

Дар мақолаи мазкур оиди вижагиҳои забони гуфтугӯии тоҷикони хуфарии ноҳияи Сариосиё ва тафовути лаҳҷаву шеваҳои онҳо аз забони адабии имрӯзаи тоҷик маълумот дода шудааст. Мувофиқи қоидаи забони адабӣ ва нутқи умумимиллӣ лаҳҷаи тоҷикони ҳамворзамин ва кӯҳистони ин ноҳияро дар асоси шеваи деҳаи хушманзари кӯҳӣ – Хуфар ба тарзи муқоиса аз назар гузаронидем.

Калидвожаҳо: кӯҳистон, ҳамворзамин, хуфариён, лаҳҷа, шева, шифоҳӣ, халқӣ.